**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАРМОИШ**

аз «_1_» _июни_ соли 2022 № _175/м_ ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани воридсозии маҷаллаи
илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)
илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Комиссия) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дархостномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба ворид намудани маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Силсилаи илмҳои фалсафӣ)» аз 23 феврали соли 2022, № 132 ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар ба талаботи бандҳои 7, 16, 21, 22 ва 30 Қоидаҳои таҳияи феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссия аз 27 апрели соли 2017, №1/2) ҷавобгӯ набудан, рад карда шавад.
2. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2022, №5.

Раис Розиқзода А.